**«Тасдиқ мекунам»**
**Ректори Донишгоҳи**
**миллии Тоҷикистон,**
**профессор Хушвахтзода Қ.Х.**
**________________**
**«8» ноябри 2022 с.**

# ХУЛОСА
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ» дар кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро карда шуд.

Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ соли 2005 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси ҳуқуқшинос-омӯзгор хатм намуда, соли 2018 ба ҳайси унвонҷӯ дар гурӯҳи буҷавӣ дар кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуд.

Дар давраи навиштани диссертатсия Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ ҳамчун унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ соли 2019 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Роҳбари илмӣ – Ғафурзода Абдухалил Давлаталӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Аз рӯи муҳокима хулосаи зерин қабул гардид:**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои марказии илми ҳуқуқшиносӣ бахшида шудааст.

Мубрам будани мавзӯи таҳқиқот аз сиёсати ҳуқуқӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи ҳама намуди шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти коммуналӣ, танзими ҳамаҷонибаи хусусигардонии моликияти коммуналӣ, намудҳои моликияти коммуналӣ ва дигар масъалаҳои муҳим дар ин самт дар шароити рушди иқтисодӣ сарчашма мегирад. Моликияти коммуналӣ яке аз объектҳои мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравад. Дар шароити пайдошавии бисёршаклии моликияти давлатӣ аҳамияти асосии ҳуқуқ ба моликиятро барқарор намудани муносибатҳои боэътимоду устувори байни давлат ва мақомотҳои ваколатдори он ифода мекунад. Моликияти коммуналӣ заминаи муҳими фаъолияти мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ буда, дар бисёр санадҳои байналмилалӣ тақвият ёфтааст.

Солҳои охир бештари давлатҳои хориҷӣ кӯшиш карда истодаанд қонунгузории ягонаи барои дарки содаи ниҳоди ҳуқуқи моликият зарурро таҳия намоянд. Ба омодасозии қонунгузории ягона таҷрибаи давлатҳои пешрафтамисол шуда метавонад, ки стандарти ягонаи танзими ҳуқуқии ҳуқуқи моликиятро таҳия намудаанд.

Мувофиқи қисми 1 моддаи 236 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон моликият дар ҷумҳурӣ дар шакли хусусӣ ва оммавӣ (давлатӣ) вуҷуд дошта метавонад. Агар моликияти хусусӣ дар шакли моликияти шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ мавҷуд бошанд, моликияти давлатӣ низ ба шаклҳои ҷумҳуриявӣ ва коммуналӣ ҷудо мешаванд.

Дар баробари ҷараёни азнавтақсимкунии баъзе объектҳои моликияти давлатӣ пештар вуҷуддошта, ташаккулёбии моликияти коммуналӣ оғоз гардид ва айни ҳол ислоҳоти моликияти коммуналии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуда бо тариқи гузашт кардани объектҳои

моддию истеҳсолӣ ба моликияти мақомоти маҳалли ҳокимияти давлатӣ сурат мегирад.

Таърихи ислоҳоти иҷтимоӣ, аз ҷумла таърихи ташаккулёбӣ ва рушди моликияти коммуналӣ дар таърихи навини Тоҷикистон мавқеи хосаро ишғол менамояд ва он айни ҳол диққати муҳаққиқони таърихшинос, иқтисодшинос, ҳуқуқшиносон, иҷтимоишиносонро ҷалб намудааст, чунки омӯзиши он аҳамияти бузурги илмиву маърифатӣ ва амалиро дорост.

Ҷуҳурии Тоҷикистон дар шароити рушди иқтисоди бозоргонӣ қарор доштa, масъалаи мазкур зарурати таҳқиқи ҳамаҷонибаи муносибатҳо дар ин самт, аз ҷумла моликияти коммуналиро тақозо менамояд.

Аз ин рӯ, аз тамоми илмҳо, махсусан илми ҳуқуқшиносӣ тақозо карда мешавад, ки таҳқиқи масъалаи мазкурро дар доираи шароити иқтисодии Тоҷикистон, рушди шаклҳои моликият, иқтисоди бозоргонӣ ва дигар омилҳои ҳуқуқию иқтисодӣ анҷом диҳанд. Мавзӯи таҳқиқот идомаи мантиқии сиёсати ҳуқуқии пешгирифтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи шаклҳои моликият, рушди иқтисоди миллӣ, танзими ҳамаҷонибаи шаклҳои моликият ва дигар омилҳо дар шароити рушди иқтисодии кишвар мебошад.

Бо вуҷуди оне, ки дар Тоҷикистон мавзӯи мазкур муҳим ва рӯзмарра маҳсуб меёбад, аммо то ҳол таҳқиқоти илмии алоҳида ва бунёдӣ дар ин самт вуҷуд надорад. Паҳлӯҳои гуногуни он аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, аммо ҳеҷ яке аз олимони ватанӣ моҳиятан ба таҳқиқи илмии масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ дар шароити кишвар кореро ба сомон нарасонидаанд. Бинобар ин, дар шароити Истиқлолияти давлатӣ ва густариши иқтисодӣ мавзӯи мазкур ҳамчун падидаи серпаҳлӯ ба таҳлили илмии амиқ ниёз дорад. Дар рисола падидаи мазкур ба таври назариявӣ, амалӣ ва аз диди таърихӣ таҳқиқ шудааст.

Ба андешаи муаллифи диссертатсия, аҳамиятнокии масъалаи таҳқиқи масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ аз як тараф ва таҳқиқу коркарди нокифояи илмии мушкилоти мазкур аз тарафи дигар, боиси интихоби мавзӯъ ва самти таҳқиқоти рисола гардиданд.

Муҳаққиқ мубрамияти амалии мавзӯъро чунин асоснок намудааст, ки корхонаҳои коммуналӣ имкониятҳои васеи фаъолияти иқтисодӣ дода шудааст. Вале онҳо ба таври далхдор амалӣ намешаванд ва хоҷагии коммуналӣ аз лиҳози танзими ҳуқуқи гражданӣ баъзе мушкилотҳо дорад. Онҳо пеш аз ҳама дар набудани мустақилияти корхонаҳои воҳиди коммуналӣ ва зараровар будани онҳо ифода мегардад. Самаранокии ин корхонаҳо танҳо дар мавриди риояи қобилияти ҳуқуқдории ҳуқуқи граждании онҳо ба вуҷуд меояд. Масалан, Корхонаи воҳиди давлатии «Обу корези шаҳри Душанбе» субъекти мустақили фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, вале наметавонад нархҳои хизматрасониҳои худро мустақиман муқаррар намояд ва хароҷоти кардаи худро ҷуброн кунад. Нархҳои муайяншуда фаъолияти онҳоро зараровар мегардонад ва ба истифодаи самараноки захираҳои оби нӯшокии шаҳр таъсири манфӣ мерасонад. Оби истеҳсолнамудаи ин корхона берун аз таъинот, барои мошиншӯӣ, обёрӣ, гилемшӯӣ ва ғайра истифода мешаванд. Баъзе истеъмолкунандагон дар назди ин корхона қарздор мебошанд. Оби арзонро истифода мекунанд, вале арзиши пулии онро пардохт намекунанд.

Ҳифзи ҳуқуқи моликияти коммуналӣ дар таърихи ҳуқуқи граждании Тоҷикистон махсус таҳлил нашудааст. Ҳамзамон ҳифзи он ба ду маъно фаҳмида мешавад: ба маънои ҳуқуқи моддӣ ва ба маънои ҳуқуқи мурофиавӣ. Маънои якумаш аз он баҳра мегирад, ки мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ субъекти ҳуқуқи гражданӣ буда, имконияти бартарафкунии монеаҳоро дар амалӣ намудани ваколатҳои худ дорад. Ҳуқуқ ба моликияти коммуналӣ ҳуқуқи субъективии гражданӣ буда, ҳимояи он дорои хусусиятҳои хос мебошад. На ҳамаи тарзҳои ҳифзи ҳуқуқҳои гражданӣ дар ин маврид истифода мешаванд. Танҳо тибқи он

тарзҳое ҳифз карда мешаванд, ки хусусиятҳои хосси ҳуқуқи ашёӣ доранд. Объектҳои ҳуқуқи моликияти коммуналӣ молумулке шуда метавонад, ки ба сифати ашёи хосса баромад намуда, дар ҳолати баргардонидани он (ба шарте, ки агар ашёи мазкур вуҷуд дошта бошад, яъне несту нобуд нашуда бошад) ва ҳуқуқи субъективии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба он барқарор карда мешавад. Дар муносибатҳои уҳдадорӣ бошад, ҳуқуқи субъективии мақомоти мазкур бо тарзҳои дигар ба монанди рӯёнидани товони зарар, ситонидани ноустуворона, истифодаи оқибатҳои беэътибор донистани аҳдҳои беэътибор, пешгирии амалҳое, ки ҳуқуқро вайрон мекунанд ва ғайра ҳифз карда мешаванд.

Дар маънои дуюмаш ҳуқуқи моликияти коммуналӣ бо тарзҳои ҳифз карда мешаванд, ки характери мурофиавӣ дошта ва ба воситаи суд амалӣ карда мешавад. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба суд бо аризаи дахлдор ва бо пардохти боҷи судӣ муроҷиат мекунад. Талаби даъвогар ба суд дар истеҳсолоти даъвогӣ бо риояи присипҳои ҳуқуқи мурофиавӣ баррасӣ мешавад.

Ба андешаи унвонҷӯ, мавҷуд набудани таҳқиқоти илмӣ-назариявии бунёдӣ оид ба масъалаи мазкур ва ҷой надоштани маҳзани мафҳумҳои коркарду таҳияшуда вобаста ба мавзӯи баррасишаванда мубрамияти рисоларо дучанд мегардонанд.

Сабаби асосии интихоби мавзӯи рисола, ҳалли мушкилоти масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ ба ҳисоб меравад. Аз ҷумла, танзими ҳуқуқии моликияти коммуналӣ, ки аз шароити иқтисодии кишвар ва беруна сарчашма мегиранд ва танзими муносибатҳо дар самти идоракунии самараноки моликияти коммуналии воҳидҳои маъмурию ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз сабабҳои асосии интихоби мавзӯъ ба ҳисоб меравад.

Пажӯҳишгар мубрамияти мавзӯи таҳқиқотро на танҳо бо талоши ҳалли масъалаҳо дар самти моликияти коммуналӣ, балки бо он асоснок менамояд, ки мавзӯи мазкур бо идоракунии давлатӣ дар самти танзим ва

ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар корхонаҳои коммуналӣ ва воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ зич алоқаманд мебошад.

Аз ин лиҳоз, таҳлилу таҳқиқи масъалаи моликияти коммуналӣ дар шароити муосир аҳамияти вижа дошта, барои фаҳмиши дурусти дурнамои минбаъдаи қонунгузорӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ ҳиссаи арзанда мегузорад.

Рисоланавис масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналиро дар шароити Тоҷикистон таҳлил намуда, онро падидаи мураккаб ва бисёрҷанбаи ҳуқуқӣ ҳисобидааст.

Аз ин рӯ, дар шароити Тоҷикистон номукаммал будани доираи танзими ҳуқуқии муносибатҳо вобаста ба моликияти коммуналӣ, номукамал будани идоракунии самараноки моликияти коммуналӣ, ҳифзи моликияти коммуналӣ, танзими муносибатҳои хусусигардонӣ ва дигар масъалаҳои ба он алоқманд то ҳол баҳсбарангез аст.

Нуктаҳо ва хулосаҳои диссертатсия бо далелҳои муътамади таърихӣ, адабиёти илмӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асоснок карда шудаанд. Онҳо дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Диссертатсия ба ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мувофиқат мекунад.

Вобаста ба мавзӯи диссертатсия унвонҷӯ 5 мақолаҳои илмӣ ба табъ расондааст, ки 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва пурра мазмуни корро инъикос менамоянд.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ» таҳқиқоти илмӣ-соҳавӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардидаи соҳиб шудан ба дараҷаҳои илмӣ ва додани унвонҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои асосии ҳуқуқи моликияти коммуналӣ» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 20 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 20 нафар, «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар, суратмаҷлиси №5/1 аз «4»-уми ноябри соли 2022.

**Раиси ҷаласа**: номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи
соҳибкорӣ ва тиҷорати
факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон П.Мирзозода

**Котиби ҷаласа**: лаборанти кафедра Р.Маҷидзода

Имзои П.Мирзозодаро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Э. Тавқиев

26.12.22